# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон оиди диссертатсияи Шамсуллозода Шукрулло дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ).**

*10 октябри соли 2022* *ш. Душанбе*

Комиссияи экспертии шӯрои диссертатсионии 6Д.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ҳайати: Комилов С.Ҷ., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор – раиси комиссия; Факеров Ҳ.Н., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор – узви комиссия; Аминов И., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент – узви комиссия, мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Шамсуллозода Шукурулло **хулосаи** зеринро қабул намуд:

***I. Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ***

Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Шамсуллозода Шукрулло ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи банди 25-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267), мувофиқат мекунад.

Шамсуллозода Шукрулло, 02 июли соли 1981 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2003 Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон)-ро аз рӯйи ихтисоси андоз ва андозбандӣ хатм кардааст.

Солҳои 2003-2004 ҳамчун муаллим-коромӯзи кафедраи назарияи иқтисодии Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ фаъолият намудааст.

Солҳои 2004-2009 ба сифати ассистенти кафедраи иқтисодиёти назариявии Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) фаъолияти илмиву педагогии худро идома додааст.

Солҳои 2009-2013 ба ҳайси номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи назарияи иқтисодӣ, сипас муаллими калони кафедраи суғуртаи Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) кор кардааст.

Солҳои 2013-2017 фаъолияти худро ба ҳайси ходими пешбари илмии шуъбаи иқтисодиёти бахши ҷамъиятӣ ва хизматрасонӣ ва мудири шуъбаи мазкури Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳоло Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон) фаъолият намудааст.

Аз соли 2017 то соли 2020 ба ҳайси мудири кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда, аз соли 2020 то моҳи феврали соли 2022 дотсенти кафедраи мазкур ва аз моҳи феврали соли 2022 то моҳи октябри соли 2022 ба сифати директори Пажӯҳишгоҳи равандҳои сиёсӣ, дипломатия ва масоили ҷаҳонишавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардааст.

Аз 01 октябри соли 2022 бо мақсади пурра ба анҷом расонидан ва ҳимояи рисолаи докторӣ ба рухсатии эҷодӣ баромадааст.

Диссертатсия дар кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидааст. Мавзӯи диссертатсияи Шамсуллозода Шукрулло дар ҷаласаи Шӯрои олимони Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08 апрели соли 2014, протоколи № 4, инчунин дар ҷаласаи Шӯрои олимони Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2020, протоколи № 9/36 тасдиқ гардидааст.

Мушовири илмӣ: Мирсаидов Аврор Бобоевич – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директор оид ба илм ва таълими Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 32 асари илмӣ, аз он ҷумла 4 монография ва 15 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

***II. Мутобиқати мавзӯъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ***

Мавзӯъ ва мундариҷаи диссертатсияи Шамсуллозода Шукрулло дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) ба ихтисоси илмие, ки аз рӯйи он ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

***III. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд***

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 32 кори илмӣ, аз он ҷумла 4 монография ва 15 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, аз он 12 мақола дар алоҳидагӣ, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267), мувофиқат мекунанд.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

### *IV. Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳо носаҳеҳ*

Дараҷаи асолати матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудааанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

### *V. Комиссия пешниҳод менамояд:*

1. Диссертатсияи Шамсуллозода Шукрулло дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Ба ҳайси муқаррризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Низомова Туҳфамо Давлатовна – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- Ризоқулов Тураҷул Рабимқулович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;
- Ҷамшедов Маҳмадназар – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, узви шӯрои диссертатсионӣ.

2. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон таъин карда шавад.
3. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
4. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.
5. Рӯихати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
д.и.и., профессор Комилов С.Ҷ.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
д.и.и., профессор Фақеров Ҳ.Н.

д.и.и., дотсент Аминов И.

*Имзоҳои аъзои комиссияи экспертиро тасдиқ мекунам.*

Котиби илмии
шӯрои диссертатсионӣ Толибов Қ.Қ.